**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна дар мавзӯи "Туғроии Исфаҳонӣ ва нақши ӯ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷики садаҳои XI-XII" барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи араб ва юнонӣ.**

Нуктаи ҷолиби таваҷҷӯҳ он аст, ки воқеан ҳам адабиёти араб ва форсу тоҷик бо ҳам робитаву ҳамбастагии қадима ва ногусастанӣ дошта, дар дарозои ин таърихи кӯҳан ба якдигар таъсири мутақобил гузоштаанд. Намунаи барҷастаи ин равобит дар осори адибону донишмандони забардасти асримиёнагӣ равшан ба зуҳур омадааст. Дар пайвастагӣ ба ин, ташаккулу ривоҷи забону адабиёти араб то ҳадди зиёде ба шахсиятҳои илмиву адабии форсу тоҷик пайвастагии қавӣ дошта, маҳз онҳо пояҳои тамаддуни исломиро таҳким бахшидаву қисмати аъзаме аз осори арзишманди адабиёти арабро падид овардаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таърихи адабиёти араб ва форсу тоҷики садаҳои XI-XII ҷойгоҳи хоси худро соҳиб буда, аҳди ривоҷи илму адабиёт маҳсуб меёбад. Зеро ҳамаи самараҳои улуме, ки дар қарнҳои қаблӣ ба бор омаданд, дар ин аҳд баъди устувор гардидани робитаҳо миёни илмҳои мухталиф ва таҳким ёфтани фарҳанги исломӣ дар гӯшаву канораҳои хилофати исломӣ рушду нумӯъ пайдо карданд. Марҳалаи мазкури рушду таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик ба аҳди Салҷуқиён рост меояд. Маҳз дар ин аҳд як гурӯҳи калони мутафаккирони барҷастаи улуми арабӣ ба майдони тамаддуни исломӣ ворид гардиданд, ки осори эшон дар ташаккули тамаддуни исломӣ нақши мондагоре гузоштааст.

Дар иртибот ба ин, яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти арабизабони форсу тоҷики садаҳои XI-XII шоиру донишманди маъруфи аҳди Салҷуқӣ Туғроии Исфаҳонӣ ба шумор меравад. Дар эҷодиёти ғановатманди Туғроии Исфаҳонӣ таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсу тоҷики садаҳои XI-XII равшан ба зуҳур омадааст.

Рисолаи илмии Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна ба пажӯҳишу бозгӯи рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва мухтассоти ашъори Туғроии Исфаҳонӣ, таъйин намудани нақши ӯ дар тарвиҷи адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII ихтисос дода шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи масъалаи мазкур то ба имрӯз ба ин густурдагӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифтаву арзиши илмии он муайян карда нашудааст. Аз ин хотир, воқеан ҳам ба чунин баррасиҳои илмӣ ва таҳқиқи густурдаи масъалаи мавриди назар ниёз мавҷуд буд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда фароҳам омадааст. Дар навбати худ ҳар кадом боб зермавзӯи худро дорад, ки ба паҳлӯҳои мухталифи мавзӯи асосӣ дахл намуда, мӯҳтавои корро аз лиҳози мундариҷаву санад ғанӣ гардонидааст.

Дар муқаддима муаллиф равиши кори илмии худ ва ҳадафҳои асосии пажӯҳиши мавзӯи мавриди назарро муайян сохтааст.

Дар робита ба ин, боби аввал таҳти унвони "Мулоҳизаҳо оид ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Туғроии Исфаҳонӣ" баррасии масъалаҳои марбут ба рӯзгору мероси адабии Туғроии Исфаҳониро дарбар гирифтааст. Боби мазкурро метавон боби муқаддимавӣ ё заминавӣ номид, ки шомили чаҳор фасл ва ду зерфасл мебошад.

Боби дувуми рисола "Девони ашъори Туғроии Исфаҳонӣ ва арзиши адабии он" номгузорӣ шудааст. Он се зербоб ва панҷ зерфаслро фаро гирифта, девони ашъори шоир ва қасидаи маъруфи "Ломият-ул-аҷам"-и ӯ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор гирифтааст.

Боби савум "Мавзӯоти шеърӣ, ҳунари шоирӣ ва таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар эҷодиёти Туғроии Исфаҳонӣ" унвон гирифта, муштамил бар се зербоб мебошад. Қобили зикр аст, ки бобҳои дувуму савум бобҳои асосӣ ба шумор меравaнд.

Ҷиҳати даст ёфтан ба ҳадафи пешгузоштаи худ диссертант қабл аз ҳама ба девони шеърии Туғроии Исфаҳонӣ такя намудааст. Афзун бар ин, дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ соири масодири адабиву таърихии асримиёнагӣ ба забонҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун сарчашмаҳои муҳимтарини шинохти рӯзгору эҷодиёти Туғроии Исфаҳонӣ ба кор гирифта шудааст. Аз ин лиҳоз, рисола бар асоси манобеи мӯътабари илмиву адабӣ ва омӯзиши таҳқиқоти муосир таълиф гардида, хулосаҳои умумии бар асоси таҳлилҳои дар бобу фаслҳои асосии он берун овардаи муаллиф мантиқӣ ва мӯътамад мебошанд.

Чунин равиши пажӯҳиш барои муҳаққиқ имконият фароҳам овардааст, ки ҷойгоҳи ин шоири шӯҳратёр ва арзишу аҳамияти ашъорашро дар адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII

таъйин намояд. Муҳимтарин натиҷагирии пажӯҳиши диссертатсионӣ муайян намудани арзиши мероси адабии Туғроии Исфаҳонӣ дар эҳёву идомаи суннатҳои назми форсӣ-тоҷикӣ дар шеъри арабӣ, таъсири мутақобили онҳо ба ҳамдигар маҳсуб меёбад.

Бо назардошти аҳамияти илмии пажӯҳиши анҷомёфта диссертатсияи Тӯраева Гулорохон Бурҳоновнаро барои дифоъ тавсия медиҳам. Чунин меҳисобам, ки диссертатсия комилан ба талаботи дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи араб ва юнонӣ аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида мувофиқат менамояд.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи**
**филологияи араби Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон** **Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992) 987509968
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

**Имзои Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновнаро**
**“тасдиқ менамоям”**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992-37) 221-77-11
Факс: (+992-37) 221-48-84
E-mail:tgnu@mail.tj./tnu.int.re@gmail.com